**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи “Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ**

Маълум аст, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои пурғановат ва қадимаи забонҳои эронӣ маҳсуб ёфта, дорои таркиби луғавии бою ғанӣ ва сохтори устувори дастурӣ мебошад. Забоншиносии тоҷик дар омӯхтани хусусиятҳои маъноиву сохтории таркиби луғавии забон то имрӯз ба дастовардҳои назаррасе ноил гардидааст. Дар ин ришта муҳаққиқони тоҷик дар заминаи маводи осори манзуму мансури адибони классику муосир як силсила асару мақолаҳо таълиф намуда, рисолаҳои номзадиву докторӣ дифоъ кардаанд.

Мавзуи диссертатсияе, ки айни ҳол мавриди назар қарор дорад, мубрам ва муҳим ҳисоб ёфта, он метавонад, барои дар оянда равшан гардидани нуктаҳои то ҳол нокушодаи ин масъала, яъне лексикаи ашъори Шамсиддини Шоҳин мусоидат намояд.

Диссертатсия, чунон ки аз муҳтавои автореферати он бармеояд, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи фишурдаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навгониҳои дар он вуҷуддошта, аҳамияти назариву амалӣ, усулҳои таҳқиқ ва монанди инҳоро зикр намуда ишора кардааст, ки рисолаи мазкур дар заминаи маводи ашъори дилангези яке аз шоирони шуҳратёри адабиёти классикии тоҷику форс Шамсиддини Шоҳин сурат гирифтааст.

**Боби аввали** диссертатсия “Вижагиҳои маъноии ашъори Шамсиддини Шоҳин унвон гирифта, аз се фасл иборат мебошад. Дар ин боб муҳаққиқ дар хусуси вижагиҳои маъноии ашъори шоир сухан ронда,дар он ҷойгоҳи вожаҳоро аз мансуб буданашон ба исм.феъл ва зарф таҳқиқ намуда,дар идомаи таҳқиқ ҷойгоҳи калимаҳои омиёнаро низ дар ашъори шоир дар такя ба осори олимони машҳур Носирҷон Маъсумӣ,Раззоқ Гафоров,Саидкул Сабзаев мавриди пажуҳиш қарор додааст.Махсусан таҳқиқи вожаи **барин** диққати ҳар хонандаро дар тасвири Шамсиддини Шоҳин ба худ ҷалб менамояд. Дар ҳамин боб муҳаққиқ баъзе вожаҳои иқтибосии ашъори шоирро аз қабили **таёқ,қалпоқ,ялоқ,қуттӣ,ҷиян,қайқморо** дар ашъори шоир пайдо намудааст,ки баромади этимологии онҳо аз забони туркӣ мебошанд.

Боиси тазаккур аст, ки унвонҷӯ Шоҳзода Гулнора Амриддин дар натиҷаи заҳматҳои тӯлонӣ тавонистааст, дар осори шоир ҷойгоҳи воҳидҳои фрозологиро низ муайян намояд: **чашм об додан,аз раҳи дида ба дил даромадан.ҷон кандан,аз шири модар ҳалолтар** ва ғайраҳо.

**Боби дуюми диссертатсия** “Гурӯҳҳои луғавии ашъори Шамсиддин Шоҳин” унвон гирифта, аз се зер фасл иборат мебошад. Фасли аввали ин

боб мавкеи муродифоти луғавиро муайян намуда аз осори шоир воҳидҳои ҷуфтистеъмол ба мисли **гармию нармӣ,низою нажанд,дуруду салом,сабру шикеб,адлу дод** ва ғайраҳо.Бояд қайд кард,ки дар ҳамин боб аз куллиёти шоир матародифҳое пайдо карда шудааст,ки онҳо аз ҳудуди ҷуфтҳо мегузаранд.Чунончӣ **дарду ғаму ранҷ,шоҳи замона,хусрави гетӣ,Хадери мулк**. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар осори шоир мавқеи калимаҳои сермаъною омонимҳо,ки шакли тарҷумашудаи ин истилоҳ ҳамгуна мебошад, далелҳои зиёде оварда, онҳоро тасниф менамояд ва бар он ақида аст,ки ин гуна калимаҳоро бисёрмаъно гуфтан беҳтар мебуд.

Унвонҷӯ дар фасли сеюм мавқеи калимаҳои зидмаъноро дар ашъори шоир хеле хуб ба риштаи таҳқиқ кашида,дар хусуси этималогияи истилоҳи антоним ва шаклҳои зидмаънову муқобилмаъно андешаҳои ҷолиб баён менамоянд.

Фасли сеюм аз он ҷиҳат ҷолиб аст,ки унсурҳои муқобилмаъно ба сурати ҷуфтҳои муродифӣ,ки дар сухани Шамсиддини Шоҳин хеле зиёд аст,дар он ҷойи ҷузъҳои муқобилмаъно иваз шудаанд.

Хусусияти дигари ашъори Шамсиддини Шоҳин дар он зоҳир мегардад,ки муқобилмаъноҳо дар сурати ибора баён гардидаанд.Ҳамин нуқтаро муҳақиқ хеле зебо ишора кардааст: **субҳи сафед,шоми тор** ва ғайраҳо.

Дар боби мазкур феҳристи вожаҳои муқобилмаъно дар қолаби исм-сифат,сифат-феъл,зарф-сифат ба таври омехта аз ҷониби диссертант тасниф шудааст. Ӯ бар он ақидааст,ки вожаҳои муқобилмаъно барои ифодаи маъноҳои тасдиқию инкорӣ,маънои ашё,амал ва аломат,фаъолияти инсон,ҳолати руҳӣ дар ашъори шоир мавриди корбарӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамаи вожаҳои зидмаънои истифоданамудаи шоир аз ҷониби муҳаққиқ вобаста ба ҳиссаҳои нутқ низ гуруҳбандӣ гардидаанд ва хулосаи унвонҷӯ дар он зоҳир мегарданд,ки аксарияти онҳо ба исм,сифат,феъл ва зарф мансуб мебошанд.

**Боби сеюми диссератсия** "Саҳми Шамсиддин Шоҳин дар ғани гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ" номгузорӣ шуда, он аз ду фасл ва шаш зерфасл иборат аст.

Дар фасли авввли боби сеюм дар хусуси вожаҳои форсӣ-дарӣ ва тағйироти овоии онҳо дар замони Истиқлол бо овардани ақидаҳои олимони хориҷи кишвар унвонҷӯ таҳқиқи худро идома дода, сипас унсурҳои луғавии дар забони форсӣ ва дарӣ истифоданамудаи шоирро бо далелҳо ба риштаи таҳқиқ мекашад.

Зергурӯҳи сеюми ҳамин фасл бошад, мавқеи маъноии калимаҳои арабиро дар забони форсӣ-дарӣ дар бар мегирад.Ба ақидаи Шоҳзода Гулнора Амриддин ин вожаҳо ё ба тобишҳои маънои рӯ ба рӯ мегарданд,

ё маънояшон тамоман дигар мегардонанд. Чунончӣ калимаҳои **таҳрир,таъмир,меҳнат,дағдаға,муҳасил,муояна** ва ғайраҳо.
Дар идомаи ҳамин боб муҳаққиқ калимаҳои тоҷикӣ,форсӣ ва дарӣ ки муштаракмаъно мебошанд, хеле хуб таҳқиқ кардааст.Аз ҷониби унвонҷӯ бо овардани далелҳои зиёде исбот карда мешавад,ки Шоҳин ҳамчун шоири нозукбаён аз калимаҳои арабӣ хеле фаровон истифода бурдааст.

Ҷолиби таваҷҷуҳ он аст,ки муҳаққиқ ҷойгоҳи забон ва суханро бо овардани фасли алоҳида дар ашъори шоир ба риштаи таҳқиқ кашида ин вожаҳоро аз нигоҳи пайдоиш, иртибот ба узви инсон маъноҳои маҷозӣ ва дигар хусусиятҳо дар осори ин адиби шуҳратёр тасниф намудааст.

Зерфасли сеюми боби зикршуда истилоҳоти забоншиносӣ дар осори Шамсиддин Шоҳин унвон дорад,ки басо мароқангез аст. Ӯ исбот менгамояд,ки истилоҳотҳои **мудғам,ҳарф,асмо,мусаммо,иборат,наҳв** ва чанде аз дигар истилоҳоти соҳаи забоншиносиро Шамсиддин Шоҳин хеле моҳирона дар осори худ истифода намудааст.

Зергурӯҳи чоруми овардашуда "Истилоҳоти мусиқӣ дар ашъори шоир" ном дорад. Дар ҳамин зерфасл вожҳои **соз,рубоб,рӯд,най,ной,чанг** ва ғайраҳо дар такя ба ақидаҳои донишмандон вобаста ба ашъори шоир ҳамчун далел барои исбот оварда мешаванд.

Зерфаслҳо панҷум ва шашум баёнгари нақши воситаҳои тасвир дар таркибсозии ашъори шоир ва бозтоби ганҷинаи вожагони ашъори шоир дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" мебошад,ки аз заҳматҳои хеле зиёди унвонҷӯ дарак медиҳад. Масалан, овардани вожаи **бахт** дар шаш маъно истифодаи вожаҳои ифодакунандаи тавсифҳо инчунин матлаби шоирро аз нигоҳи маҷозӣ муайян намуда на ба ҳар толибилм муяссар мегардад.

Сипас,мо шоҳиди он мегардем,ки муҳақиқ вожагони истифоданамудаи Шамсиддин Шоҳинро,ки дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ"ҷойгоҳи махсус дорад,ба тариқи омор таҳқиқ намуда,нуқсонҳои ин фарҳангро низ дар бобати вожагони осори шоир ошкор намудааст.

Дар автореферати диссертатсия баробари дастовардҳои зиёд баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи ояндаи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Мутаассифона, дар автореферати диссертатсия овардани нақша, диаграмма ва гистаграммаҳо ба мушоҳида намерасад;

2. Дар автореферати диссертатсия пайдарҳамии зерфаслҳо риоя нагардидааст ( нигаред ба боби якум ва сеюм);

3.Хуб мебуд агар дар диссертатсия боби алоҳида доир ба ҷойгоҳи калимаҳои омиёна вобаста бо осори шоир ҷудо мегардид.

4. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобат дида мешаванд: с.26, с.29, с.30, с.31, с.32, с.

Чунин эродҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, қимати илмии диссертатсияро паст карда наметавонанд ва метавонем онро ҳамчун кори илмии бaанҷомрасида эътироф намоем.

Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва маҷмуаҳои дигари илмии нашрнамудаи унвонҷӯ, ки 9 ададро ташкил менамояд, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос намуда, 6-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и ҶТ ба табъ расидааст.

Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.1 – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Ҳамин тавр,диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи "**Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин**" ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, **муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ мебошад.**

**Доктори илмҳои филологӣ, профессор,мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов** **Шафоатов Азал Нусратович**

**"Тасдиқ мекунам"**

**Сардори раёсати кадрҳо,коргузорӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов**

**Исоев Сангинмурод Бобомуродович**

**Суроға: ш. Душанбе, маҳаллаи Лучоб-53, 734053. тел. 224-73-77; факс 224 56 87. E-mail: mehrpaivand@inbox.ru.**

**"16" марти соли 2026**